# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Қ. Ғ. “Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод шудааст.*

Аҳамияти тадқиқоти гузаронидашуда шубҳаовар нест, зеро натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли масъалаҳои амалии геоэкология, ҳам дар минтақа ва ҳам берун аз он мусоидат мекунанд. Омӯзиши пиряххои ҳаракаткунанда ҳам аҳамияти появи (фундаменталии)-и илмӣ ва ҳам татбиқи амалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об ва коҳиши хатарҳо барои аҳолӣ дорад. Дар Тоҷикистон бисёр пиряххои ҳаракаткунанда (масалан, Хирсон, Меҷдор, Тоҷикистон ва ғайра) ҷойгиранд, ки барои минтақа аҳамияти калон доранд. Омӯзиши онҳо ба фаҳмидани динамикаи пиряхҳо дар шароити иқлими шадид ва арзёбии таъсири тағйироти иқлим ба захираҳои об кӯмак мекунад. Аз ин нуқтаи назар, интихоби мавзӯи кори диссертатсионӣ муҳим аст.

Ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ҳадафи тадқиқот аз ҷониби муаллиф ба шарофати такмили методология ва технологияҳои мушоҳида ва назорати пиряххои ҳаракаткунанда ва кӯлҳои пиряхӣ, ки ба рахнашавӣ дучор мешаванд, интихоби усулҳои тасдиқшуда, инчунин маводи бой ва гуногунҷанбаи воқеӣ ба даст омадааст. Эътимоднокии натиҷаҳо бо моделиронӣ дар барномаи Google Earth Pro, истифодаи маълумотҳои мушоҳидаи дурдасти пиряхҳо ва сарбандҳои кӯлҳои пиряхӣ, ки ба рахнашавӣ дучор мешаванд, таъмин карда мешавад, ки ин дақиқии мушоҳидаҳои муҳандиси-глясиологиро кафолат медиҳад. Натиҷаҳо дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА ҶТ нашр шудаанд ва ҳамчунин бо хулосаҳои коршиносони пешбари соҳа тасдиқ шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дорои навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд дар арзёбии хавфҳои табиӣ, таҳияи чораҳо барои коҳиш додани оқибатҳои равандҳои хатарнок, инчунин дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ ва давлатии соҳавӣ истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии пешниҳодшуда зери мавзӯи “Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши

онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)", ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32 - геоэкология мебошад.

Тақризнавис: Сардори шӯъбаи геологияи Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои геология ва минералогия Фозилзода М.М. ____________________

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ х.29, ҳ.57
тел.: (+992 ) 938171664
E-mail: m-fozilov@mail.ru

Имзои Фозилзода М.М.- ро тасдиқ мекунам.
И.в. сардори шӯъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Салимова М.Х. ____________________ 13.06.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 27
тел.: (+992 37) 223 27 29,
E-mail: gst pressa@qst